## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ба диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ)

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илми 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ)**

Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии хушсифат яке аз масъалаҳои муҳим ва афзалиятноки иҷтимоӣ буда, на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои тамоми кишварҳои ҷаҳон аҳамияти хоса дорад. Дар шароити муосир, новобаста аз рушди шаҳрсозӣ, инфрасохтор ва соҳаҳои иқтисодӣ, сифати оби нӯшокӣ ҳамеша ҳамчун омили калидии ҳифзи саломатии аҳолӣ арзёбӣ мегардад.

Дар Тоҷикистон таъмини оби нӯшокӣ ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот асосан аз ҳисоби манбаъҳои рӯизаминӣ сурат мегирад. Бо назардошти кӯҳсор будани қаламрави кишвар, обҳои дарёҳо хусусиятҳои махсус дошта, ба таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ҳассос мебошанд. Шаҳри Душанбе асосан аз оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва шохоби он – дарёи Варзоб таъмин мешавад. Дар болооби дарёи Варзоб фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва объектҳои рекреатсионӣ ба мушоҳида расида, ки метавонад ба пастшавии сифати об таъсир расонад.

Илова бар ин, тағйирёбии иқлим боиси дигаргуншавии хусусиятҳои гидрологӣ, физикӣ, химиявӣ ва микробиологии об гардида, мушкилоти таъмини устувори аҳолиро бо оби нӯшокӣ шиддат мебахшад. Дар ин замина, арзёбии сифати обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва минтақаи Кӯлоб, барои таҳияи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ аҳамияти муҳим дорад.

Муайян гардидааст, ки ташаккули захираҳои обии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар мавсими сармо асосан аз ҳисоби боришоти атмосферавӣ ва дар фасли тобистон аз ҳисоби обшавии пиряххо ва саҳми обҳои зеризаминӣ ба амал меояд. Захираҳои обии ин дарё пеш аз ҳама барои таъмини оби нӯшокии шаҳри Душанбе, обёрии заминҳои ноҳияҳои тобеи он ва қонеъ намудани ниёзҳои хоҷагидорӣ истифода мешаванд.

Дар раванди таҳқиқ сарчашмаҳои обии шаҳри Душанбе, хусусиятҳои гидрологию гидрохимиявии онҳо, ҳолати экологӣ, сохтори

низоми обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Инчунин, таркиб, истифода ва ҳаҷми ихроҷи об дар ҳудуди шаҳр таҳлил карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳлилҳо нишон доданд, ки афзоиши босуръати аҳолӣ ва рушди сохтмони иншооти истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ боиси зиёд шудани талабот ба об, аз ҷумла барои ободонӣ ва сабзкории шаҳр гардидааст. Бо мақсади коҳиш додани талафоти об пешниҳод мегардад, ки каналҳои интиқоли об азнавсозӣ шуда, бо таҷҳизоти махсус муҳофизат карда шаванд ё дар канори онҳо дарахтон шинонда шуда, заҳкашҳои зеризаминӣ ва гидрантҳо барқарор гарданд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои физикӣ ва химиявии обҳо муайян намуд, ки консентратсияи ионҳо дар ҳамаи сарчашмаҳои обии шаҳри Душанбе дар ҳадди меъёр буда, обҳо асосан камнамак мебошанд. Бар асоси таҳлили манбаъҳои адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ равандҳои ҷудокунии намакҳои саноатӣ аз пасобҳо таҳия ва самаранокии онҳо арзёбӣ шудааст. Инчунин муайян гардид, ки то 80% ҳаҷми умумии оби истифодашаванда дар шаҳр ба эҳтиёҷоти хоҷагии маишӣ рост меояд.

Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои обӣ, хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии объектҳои обӣ, инчунин арзёбии сифати об ва омилҳои таъсиррасон ба он мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Маводи пешниҳодшуда дорои хусусияти илмӣ-амалӣ буда, ба самтҳои асосии таҳқиқоти соҳаи гидрологияи хушкӣ ва идоракунии захираҳои обӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ, муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия, инчунин автореферат, ба талаботи ихтисос ва соҳаи илми 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ, бахусус ба ихтисоси 2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ ва гидрохимия (илмҳои техникӣ) пурра мутобиқ мебошанд.

**Асолати матни диссертатсия 95,46 фоизро ташкил медиҳад.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) ва ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ**

Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) мутобиқат мекунад:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии гидрология, гидрография, ҷараёни дарёҳо, лимнология, равандҳои поймавӣ ва соҳилӣ, гидрохимия, гидроэкология.

2. Хусусиятҳои равандҳои гидрологӣ, гидрохимиявӣ ва гидробиологӣ дар кӯлҳо ва обанборҳо, падидаҳои динамикӣ дар кӯлҳо, обанборҳо ва ҳавзҳо, генезис ва трансформатсияи ҳолати массаҳои об, масъалаҳои амсиласозии лимнологии падидаҳои дохилиобанборӣ, муносибгардонии реҷаи обанборҳои хушкӣ.

3. Ҳолати гидрохимиявии объектҳои оби хушкӣ дар шароити гуногуни табиӣ, таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ба ифлосшавии кимиёвии дарёҳо, ҳавзҳо, кӯлҳо ва обанборҳо, ташаккул ва тағйирёбии сифати об, қонуниятҳои равандҳои худсофшавӣ ва ифлосшавии такрории обҳои табиӣ, хусусиятҳои омехташавии обҳои дарёву баҳрҳо.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 26 сентябри соли 2020, таҳти №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Инъикоси мукаммали муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб**

Муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ дар таълифоти илмии довталаб ба таври пурра ва муназзам инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда масъалаҳои калидии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз ҷумла омӯзиши таркиби химиявии обҳои зеризаминӣ, арзёбии сифати обҳои нӯшокӣ, таҳлили равандҳои худтозашавии обҳои рӯизаминӣ ва таҳияи технологияҳои самараноки безараргардонӣ ва тозакунии об.

Дар мақолаҳои [1–М], [5–М] масъалаҳои ташаккул ва тағйирёбии таркиби химиявии обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, инчунин имкониятҳои истифодаи маводи табиӣ ва коагулянтҳо барои беҳтар намудани сифати об баррасӣ шудаанд. Корҳои [2–М], [3–М] ва [4–М] ба таҳқиқи усулҳои муосири тозакунии об, таҳлили нишондиҳандаҳои физикӣ, гидрохимиявӣ ва биохимиявии об, инчунин моделсозии равандҳои худтозашавӣ дар мисоли дарёи Варзоб бахшида шудаанд, ки мазмуни бевоситаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Маводи дар конференсияҳои илмӣ ба нашр расида ([6–М]–[8–М]) ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқотро инъикос намуда, натиҷаҳои фосилавӣ ва хулосаҳои амалии корро муаррифӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи интишороти довталаб фарогири ҳамаи бахшҳои асосии кори диссертатсионӣ буда, мутобиқати пурраи муҳтавои диссертатсияро бо натиҷаҳои илмии дар нашрияҳои чопшуда пешниҳодгардида тасдиқ менамояд.

**Иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия**

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд.

Банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) аз ҷониби довталаб пурра иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ**

Эътимоднокии натиҷаҳои ба дастовардашуда вобаста ба истифодаи усулҳои таҳқиқи химиявӣ, физикавӣ, бактериологӣ, рентгенограммӣ ва низоми иттилоотию ҷуғрофӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин дар кори диссертатсионӣ истифодаи амсилаи биохимиявӣ ва технологияҳои муосири ченкунӣ, муқоисаи натиҷаҳои амсила бо натиҷаи корҳои илмии олимони соҳа, бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот инъикос мeёбад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот бо маълумоти таҷрибавии саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ санҷида шуда, такрорпазирӣ ва боэътимодии хулосаҳои бадастомада таъмин гардидааст.

**Масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба Шуро**

Кори диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ тавсия карда шавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар**

Муҳақиқон зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Муҳаббатов Холназар** - доктори илмҳои география, профессор, профессори кафедраи «Методикаи таълими география ва туризм»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;
- **Одинаев Қодирҷон Нодирович** – номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи «Метеорология ва климатология»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Иҷозати эълони ҳимоя**

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

**Нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия**

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 адад ва исрол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқон зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Муҳаббатов Холназар** - доктори илмҳои география, профессор, профессори кафедраи «Методикаи таълими география ва туризм»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;
- **Одинаев Қодирҷон Нодирович** – номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи «Метеорология ва климатология»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва исрол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ,
профессор, узви вобастаи АМИТ Ҳақдод М.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Пулатов Я.Э.

доктори илмҳои техникӣ,
профессор Азизов Р.О.

«05» 01 соли 2026